*«Пионери Тоҷикистон»,*
*13 апрели 1963, с. 2*

**Демян Бедный**

Ба рӯзи таваллуди шоири ҳассос, масалнависи машҳур ҳаҷвгӯи моҳир Демян Бедний ҳаштод сол пур шуд. Демян Бедний адибест, ки аз замонҳои инқилоби якуми рус то анҷоми музаффаронаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ қалами бурро ба даст гирифта, ҳаётро, ҳақиқатро инъикос кардааст, озодиро тараннум, меҳнату рафоқатро васф намудааст.

Демян Бедний (номи аслиаш Ефим Придворов) соли 1883 дар соҳили наҳри Ингули собиқ губернияи Херсон ба дунё омада, ба воя расид. Ефими 13-сола ба мактаби ҳарбии фелдшерии Киев дохил шуда, баъди хатми он 9 сол дар хизмати ҳарбӣ буд. Бачаи кунҷков бо дониши ҳосилкардааш қаноат накарда, мустақилона тайёрӣ дид ва соли 1904 ба факултети таъриху филологияи университети Петербург дохил шуд. Ҷамъомадҳои студентони инқилобии Петербург чашми шоири ояндаро кушод. Ӯ дар университет бо асарҳои нависандагони инқилобӣ шинос шуд. Ба ӯ махсусан Н.А. Некрасов маъқул буд.

Демян Бедний ба шеърнависӣ сар кард. Ба рӯзномаи болшевикии «Звезда», ки аз 16 декабри соли 1910 чоп мешуд, ҳамкорӣ менамуд. Аввалин масали инқилобии Демян Бедний – «Вақте ки мӯҳлат мерасад»-ро мардум соли 1911 хонд. Шоир дар ин масали худ халқро ба табар гирифта зидди золимон бархестан даъват мекунад.

Маҷмӯаи аввалини Демян Бедний «Масалҳо», соли 1913 дастраси хонандагони ҳақиқатҷӯ гашт. Аз ҳамон дам сар карда, маҷмӯаҳои гуногуни шеъру масалҳо, афсонаву фелйетонҳои ӯ паи ҳам чоп шудан мегиранд.

Соли 1917 Демян Бедний аввалин асари калони ба инқилоби рус бахшидаи худро эҷод кард.

Марши «Ситораи сурх», таронаи «Ситораи раҳнамо», шеърҳои «Дар остонаи Қазон», «Ванка-Ванка» ва ғайраҳо дар замони ҷанги гражданӣ ҷанговаронро ба корнамоиҳои нав ба нав даъват мекарданд. Танҳо дар солҳои ҷанги гражданӣ қариб чил китобу китобчаҳои Демян Бедний бо теъдоди умумии тақрибан якуним миллион нусха чоп шуданд.

Ҳукумати Советӣ чун нишони эҳтироми шоир ҳанӯз соли 1933 ӯро бо мукофоти олии давлатӣ - ордени Ленин ва чанде пештар бо нишони Байрақи Сурх сарфароз намуд.

Имрӯз халқи советӣ ва тамоми инсонияти тараққипарвари дунё ҳаштодсолагии рӯзи таваллуди ин адиби бузургро ҷашн мегиранд.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**муаллими**
**Университета давлатии Тоҷикистон**